# ФАРМОИШИ
# РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «01» 06 соли 2026 № 198/шд ш. Душанбе

Дар бораи қатъи фаъолияти шурои диссертатсионӣ

Мутобиқи сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, №270, банди 7, сархати якуми банди 121 ва банди 122 Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ф а р м о и ш  м е д и ҳ а м:

1. Бинобар риоя нагардидани талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) дар мавриди қабул ва баррасии диссертатсияҳои Каримзода Давлатбӣ Гулбидин, Мадинаи Қиёмиддинзода ва Ниёззода Сайёра Ҷумъа, фаъолияти шурои диссертатсионии 6D.КОА-006 назди Пажӯҳишгоҳи акушерӣ ва гинекологии Тоҷикистон қатъ карда шавад.
2. Ҳимояи диссертатсияи Идизода Шаҳзода Ҳокимшоҳ, ки то ба имзо расидани фармоиши мазкур дар сомонаи Комиссия ҷойгир шудааст, тибқи муқаррарот ва дар мувофиқа бо Комиссия ба роҳ монда шавад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Зарина Шоҳмуродзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2026, №6

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ